Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи С.М. Мирзоев дар мавзуи "Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ)

Дар илмҳои сиёсии муосир сиёсати экологӣ ҳамчун шакли зуҳури сиёсати умумӣ ҷойгоҳи хоссаеро пайдо намудааст. Он масъалаҳои васею гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифта, дар танзими муносибатҳо нақши заруриро ба анҷом мерасонад. Махсусан, вазъи саломатӣ ва масъалаҳои некуаҳволии одамон, сатҳи зиндагӣ, ҳолати ҷисмонию равонӣ, синну сол ва масъалаҳои дигар доираи таъсиррасониҳои онро муайян менамояд. Сиёсати экологӣ ба тамоми паҳлуҳои ҳаёт таъсири бевоситаи худро расонида, дар ин замина дар рушди иқтисодӣ ва тараққиёту пешрафти давлат ва ҷомеа низ нуфузи зиёд пайдо менамояд. Ба ақидаи муҳаққиқ огоҳӣ аз дурнамои фоҷиабор, ба монанди гуруснагӣ ва фалокатҳои экологӣ одамонро водор мекунад, ки ба дарёфти роҳу воситаҳои ҳалли масъалаҳои зиддиятноки инкишофи ҷомеа рӯ оваранд.

Аҳамияти илмӣ-назариявии кори диссертатсионии Мирзоев С.М. дар он ифода меёбад, ки барои минтақаи Осиёи Миёна зарурати илмии омӯзиши масъалаи сиёсати экологӣ дар шароити муосир ва таҳлили ҳаматарафаи онро асоснок менамояд. Усулҳои умумимантиқӣ, системавӣ ва муқоисавӣ, ки дар раванди таҳқиқот истифода гардидаанд имконият медиҳанд, ки нигоҳи умумӣ ва оқибат таълимоти воҳиди таҳқиқотӣ ташаккул ёфта, мавриди истифода қарор гирад.

Натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқот барои ҳалли самарабахши мушкилоти муҳимми экологии ҷомеаи мо аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Муқаррарот ва хулосаҳои рисолаи мазкур барои таҳияи бахшҳои ин мушкилот дар маводҳои таълимӣ оид ба илмҳои махсуси сиёсӣ муфид буда метавонанд. Онҳоро инчунин барои омӯзиши муқоисавии масъалаҳои сиёсати экологӣ дар минтақаи Осиёи Миёна истифода бурдан мумкин аст.

Ба ақидаи муаллиф аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки ба таври назариявию методологӣ падидаҳою ҳолатҳои асосии методологии таҳқиқотро хулосаҳои бунёдӣ ва изҳороти намояндагони илмҳои иҷтимоию сиёсии замони гузашта ва ҳозира, инчунин баромадҳо ва фаъолияти шахсиятҳои сиёсӣ ташкил додаанд. Дар ин кор маълумот ва маводҳои зиёди расмии оморӣ ва сарчашмаҳои дигар аз шабакаҳои расмии сохторҳои давлатии кишварҳои минтақаи Осиёи Миёна ва ҷаҳон истифода гардидааст.

Аҳамияти илмию амалии таҳқиқоти мазкурро мақсади муайяннамудаи таҳқиқот асоснок мекунад. Таҳлили назариявии масъалаи сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар замони соҳибистиқлолӣ баҳри васеътар муайян намудани доираи донишҳо ва маълумот дар ин самт мусоидат намуда, истифодаи онҳо барои таҳияи сиёсати муосиру натиҷабахши минтақавии экологӣ мусоидат менамоянд. Ба ақидаи муаллиф раванди мураккабшавии масоили экологӣ дар шароити муосир тақвияти ҳамгироиҳоро миёни кишварҳо, махсусан, давлатҳои Осиёи Миёна талаб менамояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот бошад, дар он аён мегардад, ки натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф ҷиҳати такмили минбаъдаи сиёсати минтақавии экологӣ мусоидат мекунанд. Маводи диссертатсияро ҳангоми таҳия ва амалӣ намудани барномаҳо ва воситаҳои таълимӣ аз соҳаҳои гуногуни илмҳои сиёсӣ истифода намудан мумкин аст. Инчунин, аҳамияти диссертатсияи мазкур дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад ҷиҳати

таҳияи барномаҳо, стратегияҳо ва сиёсати ягонаю самарабахши экологӣ дар минтаҚа мусоидат намояд.

Ба аҚидаи диссертант Мирзоев С.М. масъалаҳои сиёсии мушкилоти экологӣ, ки вазифаи муҳим ва душвор дар назди илмҳои сиёсии муосир Қарор доранд. Зеро бе таҳлили амиҚ ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки мафҳум ва моҳияти сиёсати экологӣ дарёфти роҳу усулҳои самарабахши фаъолияти иҚтисодию иҷтимоӣ ва таъмини рушди муназзаму устувор ғайриимкон мебошанд.

Муаллиф навгонии илмии таҳҚиҚотро, пеш аз ҳама, аз он иборат медонад, ки дар илмҳои сиёсии ватанӣ бори аввал кӯшиши ифшо кардани моҳият ва мундариҷаи сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна ҳамчун самти муҳимми фаъолияти сиёсии минтаҚавӣ гузошта шудааст.

Дар таҳҚиҚоти мазкур баъзе ҳолатҳои таҳҚиҚотӣ ба таври нуҚтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки ба сифати навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд ва саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар рафти таҳҚиҚот нишон медиҳанд.

Дар хулосаи кори диссертатсионӣ натиҷаҳои таҳҚиҚот ҷамъбаст гардида, тавсияҳо ва пешниҳодҳои муаллиф баён гардидаанд.

Дар автореферати мазкур баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд. Аз ҷумла:

- диссертант бояд ҷойгоҳи муҳими сиёсати экологиро ҳамчун омили асосӣ дар танзими муносибатҳои экологӣ ба таври мушаххас ва бо овардани мисолҳо дар фазои сиёсии кишварҳои Осиёи Миёна муайян менамуд;

- беҳтар мешуд, ки муаллиф субъектҳои асосиеро, ки ба сифати омили таъсиррасон дар сиёсати экологии минтаҚа наҚш доранд, мушаххас менамуд.

Хулоса, кори диссертатсионии С.М. Мирзоев дар мавзуи “Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити

ҳозира” ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ) мебошад.

Муқарриз: мудири кафедраи
методикаи таълими фанҳои
ҷамъиятӣ-гуманитарии
МД ДҶТИБКСМ
(номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент) Ҷумахонова М.А.

Сардори раёсати кадрҳо ва котибот Раҷабзода Б.